«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э. С.

_______________________________
«__8__»__02__________2024с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) аз руйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Холов Абдулҳамид Мирзомадович, соли таваллуд 24.12.1994, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2018 факултети факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идоракунӣ дар корхонаҳои агросаноатӣ хатм намудааст. Аз 1 сентябри соли 2018 фаъолияти меҳнатии худро ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ идома дода, бо фармоиши ректори ДМТ №58-05 аз 09.02.2019. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, онро соли 2022 хатм кардааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар санаи 15.11.2022. бо баҳои 4 «хуб», аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар санаи 29.10.2022. бо баҳои 4 «хуб» ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 29.06.2023 бо баҳои 5 «аъло» супоридааст.

Мавзуи диссертатсияи Холов А.М дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 28 марти соли 2019, протоколи №8 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ**:

Тағоев Ҷумахон Ҳамроевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идора дар КАС.

Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар маҷлиси муштараки кафедраҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ» ва «Молия ва суғурта»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 06 феврали соли 2024 бо суратҷаласаи №6/1 муҳокима гардид.

**Муқарризони холис:**

Низомова Тухфамо Давлатовна - д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Қурбонов Абдулхайр Каримович - д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Зиёев Зулфиқор Маҳмадёқубович - н.и.и., дотсенти, кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) ба яке аз масъалаҳои муҳиму муосири таъминоти молиявӣ ва сармоягузории саноатикунонии босуръати кишвар бахшида шуда, бо забони илмӣ иншо гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок карда шудаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таъмини сармоягузорӣ, бахусус сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ин таҳкими базаи моддию техникии рушди саноатикунонии корхонаҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла саноати хӯроквории кишвар бо ашёи хоми ватанӣ, баландбардории рақобатпазирии маҳсулотҳои корхонаҳои агросаноатӣ кишвар, кам кардани маҳсулотҳои воридотӣ ва бештар истеҳсол намудани маҳсулотҳои ба содироат нигаронидашуда мебошад.Новобаста аз муваффақиятҳои назаррас дар самтҳои рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ камбудиҳо низ мавҷуданд. Махсусан, дастгирии давлат аз ҳисоби маблағгузориҳои буҷавӣ кам шуда, дар давраи таҳлил ҳиссаи хеле ками МУД-и ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Мабаъҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор низ мушкилоти худро доранд. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба капитали асосии кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳо ба капитали асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ тамоюл ба пастравӣ дорад. Индикаторҳои бакордарории фондҳои асосии кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии фондҳои асосии дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ бакордаровардашуда дар солҳои охир ташвишовар арзёбӣ мегарданд.

Дар шароити имрӯзаи мошинолотҳои асосии кишоварзӣ кам шуда, коэффисенти навкунии техникаи кишоварзӣ дар сатҳи аз меъёрҳои муқарраршуда паст қарор дорад. Соири хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҶТ дар мавриди истифодаи нуриҳои минералӣ ва заҳрохимикатҳо танқисӣ мекашанд. Инчунин, ба принсипҳо, вижагиҳо ва сиёсати истеҳлокӣ зимни сармоягузориҳо ва молиякунонии равандҳои инноватсионӣ диққати ҷиддӣ дода намешавад. Кулли мушкилоти номбурда ба кам будани сармоягузориҳо дар соҳаи мазкур алоқамандӣ доранд. Бинобар ин, таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръати корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он яке аз мавзуъҳои муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо

ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) ба шиносномаи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, тахти №392), Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №159), Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «27» майи соли 2020, №293), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сармоягузорӣ" аз 15 марти соли 2016, №1299, инчунин, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди соҳибкорӣ ва таъмини саноатикунонии босуъати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асосӣ сармоягузориҳо барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот и**н тақвият ва тавсеаи ҷанбаҳои назариявию услубӣ, баҳодиҳии вазъ ва коркарди тавсияю пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда оид ба таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии ҶТ ва минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Расидан ба ҳадафи мазкур гузориш ва ҳалли вазифаҳои зерини таҳқиқотро талаб менамояд:

- тақвият ва тавсеаи асосҳои назариявӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва методологии сармоягузориҳо, бахусус раванди сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ;

-ошкорсозии хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ таъсирбахш ва муайянкунии усулҳои муосири арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ;

-таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати кунунии сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ;

-асоснокқунии самтҳои рушди равандҳои таъмини сармоягузориҳо дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, хусусан дар вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда;

-баҳодиҳии истифодаи самаранок ва дурнамои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат дар заминаи ҷорисозии инноватсияҳо, дар доираи КАС-и минтақаи мавриди таҳқиқ қарордошта;

-коркарди тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда оид ба рушди ҷараёнҳои таъмини сармоягузории навҷорисозиҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ дар пасманзари таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар.

**Объекти таҳқиқот** низоми хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон маҳсуб меёбанд.

**Мавзуи таҳқиқот** фарогири муносибатҳои ташкилию иқтисодие мебошад, ки дар раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ зуҳур мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз ҳадафи чоруми СМТ ҶТ барои давраи то соли 2030 бармеояд. Яъне саноатикунонии босуръати кишвар ва ба истеҳсолоти саноативу аграрӣ табдил додани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар навбати худ таъмини босуръату босуботи раванди сармоягузориҳо, махсусан сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои агросаноатиро тақозо дорад. Дар рисолаи илмӣ дар амал тадбиқ гардидани ҳамин фарзия дар мисоли рушди раванди сармоягузориҳо ба соҳаҳои истеҳсолоти КАС таҳқиқу таҳлил гардидааст. Инчунин, фарзияи номбурда ва тамоюлҳои фаъолии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон бо мисолҳои мушаххас дар давраи солҳои 2017-2021 исбот шуда, натиҷагирию хулосабарорӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, амали шудани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро исбот намуда, барои давра ба давра баҳогузорӣ намудани он мусоидат менамоянд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** таҳқиқотҳои бунёдии илмии муҳаққиқони классики илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла олимони рус дар бахши таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат дар заминаи инноватсияҳо, дар доираи КАС ва минтақаҳои агросаноатии алоҳида ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии** таҳқиқи ҷараёнҳои сармоягузориҳоро дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои доираҳои КАС ва минтақаҳои агросаноатии он равишҳои ҳудудӣ ва системавию сохторӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо усулҳои таҳқиқоти мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ истифода шуданд.

**Сарчашмаи маълумоти** таҳқиқотро иттилооти аввалияи маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ оид ба ташаккул ва равнақи раванди сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ташкил додаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Аз рушди муқаррароти назариявӣ, усулӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба ташаккулу равнақи раванд ва таъмини сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки нововарии илмии таҳқиқот мебошанд:

-асосҳои назариявию методологии сармоягузориҳо тақвияту тавсеа дода шуданд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва усулҳои сармоягузориҳо, бахусус сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва нақши онҳо дар рушди истеҳсолоти агросаноатӣ муайян ва мукаммал гардонида шуданд;

- хусусиятҳо, принсипҳо ва омилҳои ба рушди раванди таъмини сармоягузориҳои хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС таъсирбахш ошкор ва усулҳои муосири арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ муайян ва арзёбӣ гардидаанд;

- ҳолати кунунии фаъолияти сармоягузорӣ ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои сектори аграрӣ дар заминаи таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ дар доираи КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ таҳлил ва баҳодиҳӣ гардидаанд;

- самтҳои рушди таъмини равандҳои сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла танзими давлатии сармоягузориҳо, маблағгузориҳо барои таҷдиди сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Хатлон бо назардошти таҷрибаи мамолики дорои сектори аграрии рушдкарда асоснок ва арзёбӣ шуданд;

- таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии босуръат бо назардошти истифодаи самараноки сарчашмаҳои молиявии худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ, дар қаринаи ҷорисозии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ ва дурнамо шуданд;

- оид ба рушди равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон бо назардошти ба инобат гирифтани афзорҳои сиёсати истеҳлокӣ ва молиявӣ дар пасманзари таъмини амнияти озуқаворechии кишвар матрисаи тавсияю пешниҳодоти илман асоснокшуда коркард шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада барои рушди ҷараёнҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и

ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба таъмин ва истифодаи самараноки сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон баҳодиҳӣ ва дурнамоӣ карда шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон метавонанд ҳангоми асосноккунии таъмини рушди ҷараёнҳои сармоягузориҳо ба сармояи асосии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС ва ҳамчунин, мавриди мониторинги вазъи сохторҳои сармоягузориҳо ва арзёбии самаранокии онҳо истифода баранд.

**Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Асоснокӣ ва дараҷаи саҳеҳии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф назарияҳо, хулосаю ақидаҳои дар тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ифодаёфтаро дар доираи баррасии масъалаҳои омӯзишии ҷанбаҳои назариявии таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонӣ истифода намуда, инчунин асосҳои методологӣ ва таҳлили равандҳои сармоягузории саноатикунонӣ, мушкилот ва роҳҳои беҳтаргардонии таъмини сармоягузориҳои саноатикуниониро дар сатҳи минтақаи муайян бо такя ба корҳои илмии олимону муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ба таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии иқтисодиёти кишвар боназардошти хусусиятҳо, омилҳо ва принсипҳои молиякунонии раванди мазкур дар хоҷагиҳои ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои асосии рушди низоми таъмини сармоягузории саноатикунонии иқтисодиёти агросаноатӣ муқаррар ва тавсияҳо илман асоснок оид ба фаъолгардонии раванди номбурда коркард ва таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми омӯзишҳо ва таҳқиқотҳо оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ барои ташаккулу рушди механизми таъмини молиявии сармоягузорҳои саноатикунонӣ дар хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатӣ истифода карда шаванд

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии

Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемуров, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС», «Молия ва қарз» ва «Иқтисодиёти корхонаҳо истифода шудааст. Натиҷаҳо ва нуктаҳои алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар таҷрибаи таъмини сармоягузории саноатикунонии хоҷагиҳо ва корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) ” Холов Абдулҳамид Мирзомадович 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 8,4 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 6,8 ҷ.ч.), аз он ҷумла 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 187 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дорои 33 ҷадвал, 5 расм ва 2 диаграмма мебошад.

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Холов А.М. Мафҳум ва моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои асосии корхонаҳои агросаноатӣ // Паёми ДМТ -Душанбе, 2020. - №1(328). -С.45-51.

[2-М]. Холов А.М. Хусусиятҳо ва принсипҳои ба рушди фаъолияти сармоягузории корхонаҳои КАС таъсирбахш [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. // Кишоварз -Душанбе, 2020. - №3(259). -С.166-173.

[3-М]. Холов А.М. Тамоюлоти рушди равандҳои сармоягузорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, буриши минтақаҳо ва соҳаҳои он [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. // Паёми ДМТ-Душанбе, 2022. - №6(317).- С.22-30.

[4-М]. Холов А.М. Баҳодиҳии ҳолати сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ дар истеҳсолоти агросаноатии вилояти Хатлон [Матн] / Холов А.М.// Паёми ДМТ-Душанбе, 2024. - №1. - С.66-74.

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[5-М]. Холов А.М. Сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои асосӣ дар кишоварзӣ: тавсиф ва таснифот [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. /Конф. байнал. илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт», (27.02.2020). -Душанбе, 2020. -С.516-522.

[6-М]. Холов А.М. Омилҳои ба рушди фаъолияти фаъолияти сармоягузории корхонаҳои агросаноатӣ таъсирбахш [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. / Конф. байнал. илмию амалӣ дар мавзуи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ», (13.10.20.). -Душанбе, 2020. -С.255-261.

[7-М]. Холов А.М. Усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии истифодаи сармоягузориҳо ба сармояи асосии корхонаҳои КАС [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. // Тоҷикситон: иқтисод ва идора. -Душанбе, 2021. - №3. (147). - С.27-38.
[8-М]. Холов А.М. Арзёбии иқтисодии сохторҳои сармоягузориҳо дар ҷумҳурӣ [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. / Конф. ҷумҳур. илмию амалӣ дар мавзуи «Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», (25.02.22.). -Душанбе, 2022. -С.56-67.
[9-М]. Холов А.М. Таҳлили ҳолати сармоягузориҳо дар КАС-и вилояти Хатлон [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. /Маводи конф.байнал. илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ, ( ш. Кӯлоб, 18/19.12. 2023).- ш.Кӯлоб, 2023. – С.516-529 (839саҳ.).
[10-М]. Холов А.М. Арзёбии заминаҳои саноатикунонӣ дар истеҳсолоти агросаноатии Вилояти Хатлон [Матн] / Холов А.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳими таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир», (Кӯлоб, 9 /10.06.23). -Душанбе: ҶДММ «Офсет»,2023. - С.708-716 (718 с.).

Пас аз баррасии диссертатсияи Холов А.М. дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) дар маҷлиси муштараки кафедраҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ» ва кафедраи «Молия ва суғурта»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.
2. Диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда аз ҷониби муқарризон, барои қабул ва ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар маҷлис иштирок доштанд 38 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 26 нафар, аз онҳо 2 нафар д.и.и., профессор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

– «тарафдор» – 26 нафар

– «зид» – нест

– «бетараф» – нест

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муштараки кафедраҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ» ва «Молия ва суғурта»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2024, суратмаҷлиси №6/1 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**

Профессор декани факултети иқтисод ва идораи ДМТ, д.и.и., профессор — Исайнов Ҳ.Р.

Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, н.и.и., дотсент — Раҳмонов Ҷ.Р.

Мудири кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ, н.и.и., дотсент — Ҳусайнов М.Н.

**Котиб:**

н.и.и., дотсент кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ — Гулаков У.М.

«Имзои Ҳ.Р. Исайнов, Ҷ.Р. Раҳмонов, Ҳусайнов М.Н. ва У.М. Гулаковро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ

«_7_»___02.___2024 — Тавқиев Э. Ш.